# ДАРСИ НАВБАТИИ КУРСИ ОМӮЗИШИИ "ҶАВОНОН - ПАЙРАВОНИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ"

Submitted by Ҳайати тадорукот on 26 April, 2025 - 10:06

[1]

Дар доираи нақша - чорабиниҳои Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Ташкилоти ҷамъиятии “Пайравони Пешвои миллат” дар толори Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дарси навбатии курси омодасозии "Ҷавонон - пайрави Пешвои миллат" доир гардид, ки дар кори он Раҳматуллозода Сахидод – Раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намуда, бо шунавандагони курс суҳбати озоду самимӣ доир намуданд. Зимни суҳбат аз дастовардҳои даврони соҳибистиқлолӣ ва нақши Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рушди давлатдории тоҷикон табодули афкор намуданд. Ҳамзамон, Раҳматуллозода Сахидод дар бораи аҳамияти забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ, риояи қонун дар бораи забон, қоидаҳои имло ва ҳуҷҷатнигорӣ суханронӣ карда, таъкид намуд, ки забони тоҷикӣ на танҳо воситаи муошират, балки оинаи таърих, фарҳанг ва ҳувияти миллии мост.

**Content rating:** Select rating
Average: 5 (2 votes)

Rate

## Category:

- Ахбори рӯз [2]

- 

- 

**Source URL:**https://istilohot.tj/en/node/7113

**Links**
[1] https://istilohot.tj/sites/default/files/field/image/IMG-20250426-WA0063.jpg [2] https://istilohot.tj/en/taxonomy/term/10 [3] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20250426-WA0054.jpg [4] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20250426-WA0053.jpg [5] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20250426-WA0057.jpg [6] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20250426-WA0061.jpg [7] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20250426-WA0062.jpg [8] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20250426-WA0063.jpg [9] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20250426-WA0064.jpg